**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ**



Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Шуморо барои иштирок дар конференсияи илмӣ-назариявии "Устод Мирсаид Миршакар ва масъалаҳои адабиёёти кӯдакон" (бахшида ба 110-солагии асосгузори адабиёти кӯдакон устод Мирсаид Миршакар даъват менамояд.

Макон:

Толори Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагонаи ба номи Мирсаид Миршакар,

**хиёбони Рӯдакӣ 36.**

## БАРНОМА

***1. Сухани ифтитоҳии директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Боймурод Шарифзода.***

2. “Қишлоқи тиллоӣ” – гардиши куллӣ дар эҷодиёти шоир
*Сухангӯй:* Кӯчарзода Аъламхон – д.и.ф., профессор, узви АМИТ.

3. *" Манзалати зодгоҳ дар андешаи Мирсаид Миршакар".*
*Сухангӯй:* ***Абдуназарзода А., д.и.ф. мудири шуъбаи фолклор ва адабиёти Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови.***

**4. Миршакар ва фолклор**
***Сухангӯй: Маҷнунов А. н.и.ф., мудири шуъбаи фолклори ИЗА АМИТ***

**5. “ Тавсифи ҳаёти халқи ҳинд дар ашъори Мирсаид Миршакар”.**
***Сухангӯй: Султонмамадова У. н.и.ф., дотсенти кафедраи забон ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоркунии давлатии назди Президенти ҶТ.***

**6. Иқбол ва Миршакар.**

*Сухангӯй:* ***Саидзода Ҷамолиддин, н.и.п., ходими калони илмии ИЗА АМИТ.***

*Л о и ҳ а*

**БАЁНИЯИ**

**конференсияи илмӣ-назариявӣ ба гиромидошти устод Мирсаид Миршакар дар мавзуи “Устод Мирсаид Миршакар ва масъалаҳои адабиёти кӯдакон” (бахшида ба 110-солагии асосгузори адабиёти кӯдакон устод Мирсаид Миршакар**

4 майи соли 2022

Фаъолияти адабию ҷамъиятии устоди гиромиқадр Мирсаид Миршакар, чунон ки мебинем, хеле серпаҳлӯ буда, ҳамаи ҷиҳатҳои адабиёти муосири тоҷикро қариб пурра фаро меегирад. Устод Миршакар аз зумраи саромадони адабиёти замони шӯравӣ буда, ҳамчун шоир, носир ёддошту хотиранавис машҳур мебошанд.

Устод Миршакар бо меҳнати пурифтихору шоёнашон Раиси Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд. Шоири халқии Тоҷикистон, соҳибҷоизаҳои ба номҳои Сталин, Рӯдакӣ ва комсомол, соҳиби ду ордени Ленин, ду Байрақи сурхи Меҳнат ва Нишони Фахрӣ гардидаанд. Устод аз рӯзноманигори Сохтмони Вахш то адиби барҷастаи замони шӯравӣ сабзида расида, дар навиштани адабиёти кӯдакон ҳамчун асосгузор шинохта мешаванд. Шеъру достонҳои устод Миршакар барои пешрафти маънавии тоҷикон саҳми арзанда доранд. Фаъолияти устод дар адабиёти шӯравии тоҷик хеле бузург буда, паҳлуҳои гуногуни эҷодиёташон дар конференсияи илмӣ-назариявии имрӯзаамон ба дараҷае хуб намудор гардид. Ҳамагон дар мавзуъҳои ҷолиб баромад карданд.

Дар конференсия ҷавонони дӯстрӯ инчунин аз ашъори шоир намунаҳо хонданд, Шеъру достонҳо ва асарҳои мансури устод дар замони шӯравӣ аз ҷониби устодони сухан Х.Мирзозода, Раҷаб Амонов ва Ҷонон Бобокалонова дар шакли китобҳои алоҳида нашр шуда буданд. Дар бораи паҳлуҳои эҷодиёти устод ҳамчунин садҳо мақолаву очеркҳо таълиф гардидаанд. Адибони тоҷик, ки бо устод ҳамроҳ фаъолият кардаанд, метавонистанд дар ин рӯзи фараҳбахш ёддошту хотираҳояшонро аз фаъолияти адабии

эҷодии устод Миршакар нақл кунанд. Эҷодиёти устод Миршакар дар замони соҳибистиқлолии ҶТ дар Таърихи адабиёти муосири тоҷик, ки муҳаққиқон ба кор шуруъ кардаанд, аз дидгоҳи нав бамуддао таҳқиқ мешаванд.

Иштирокдорони конференсияи илмию назариявӣ дар охир ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия менамоянд:

1. Аз Иттифоқи нависандагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки зиндагинома ва фаъолияти эҷодию адабии устод Мирсаид Миршакарро дар муассисаҳои таълимии умумӣ ва мактабҳои олии бахши филологӣ пурра фаро гиранд;
2. Куллиёти осори устод Мирсаид Миршакар вобаста ба ҳаёти имрӯз аз нав мукаммал ба чоп расонда шавад;
3. Хона-музейи устод Миршакар ба расмият дарояд.
4. Стипедияи (идрорпулии) устод Мирсаид Миршакарро дар кӯдакистонҳо ба роҳ монанд.

Ташаккур, саломат бошед, муваффақият барои ҳамаатон!